**Суратмаҷлиси № 19**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D060600-Химия

2 июли соли 2021 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 19 нафар аъзои шӯрои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2019, №110 тасдиқгардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктороні илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Ба химоя иҷозат додани Сафаров Саймуҳамад Исломович дар мавзӯи «Пайвастҳои комплексии рений (V) бо N,N – диэтилтиомочевина ва **N** - атсетилтиомочевина» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.01 – химияи ғайриорганикӣ, тасдиқи муқарризони расмӣ, муассисаи тақриздиҳанда, таъйин намудани санаи ҳимоя.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионӣ доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М., аъзои комиссияи ташхис д.и.т., профессор Самихов Ш.Р. ва н.и.х., дотсент Суяров Қ.Ҷ. баромад намуданд (Хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Сафаров Саймуҳамад Исломович дар мавзӯи «Пайвастҳои комплексии рений (V) бо N,N – диэтилтиомочевина ва **N** - атсетилтиомочевина» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.01 – химияи гайриорганикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:
   - Раджабов Умаралӣ - доктори илмҳои химия, профессор, мудири кафедраи химияи фарматсевтӣ ва заҳршиносии муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон»-и ба номи Абуали ибни Сино;
   - Жумаев Маруфжон Тағоймуротович - номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.
3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С.Осимӣ таъйин карда шавад.
4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти ҶТ ва нашри автореферат иҷозат дода шавад.
5. Таърихи рӯзи ҳимоя «21» октябри соли 2021 таъйин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона

Раиси шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои химия, профессор Сафармамадзода С. М.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои химия, дотсент Давлатшоева Ҷ.А.